# шароб, ё ШАРОБ?

Гор Мехакян

ГОР МЕХАКЯН

# шароб ё ШАРОБ?

2016

© Гор Мехакян

“шароб ё ШАРОБ?”

gor.mexakyan@wolarm.org

Муаллифи расми муқоваи китоб: Гор Мехакян

Ин китобро ба ёди падарам Ваган Мехакян мебахшам

# МУНДАРИЧА

Сарсухан ....................................................................7

Боби 1. Шароб дар Аҳди Қадим ................................................13

Боби 2. Он чизе, ки Исо ба шумо мегӯяд, ҳамонро
иҷро кунед ..................................................................19

Боби 3. Кӯзаҳои сангин ва оби покшуда ....................................27

Боби 4. Барои чӣ кӯҳна не? ........................................................35

Боби 5. Шароби нав.....................................................................41

Боби 6. Лабрез ...........................................................................49

Боби 7. То ҳол нигоҳ доштаӣ ......................................................55

Хулоса .......................................................................................59

Муддати даҳсолаҳо аст, ки ман бо Гор ошноӣ дорам. Ӯ шахси аҷоиб, ором ва пурсабр мебошад. Ман бовар доштам, ки агар ӯ ягон китоб чоп кунад, дар он на чизи иловагӣ, балки фақат чизҳои даркорӣ навишта мешаванд. Пас аз китобро навиштанаш ман худам ин китобро хонда, аз он бисёр баракат ёфтам. Ҳангоме ки одамон ҳодисаҳои Китоби Муқаддасро гирифта, аз дигар нуқтаи назар маънидод мекунанд, ба ман писанд аст. Албатта, дар замони мо дар бораи шароб нӯшидан ё нанӯшидан бисёр ақидаҳо вуҷуд доранд. Шахсан ман шароб наменӯшам ва барои ман ақидаи Гор дар ин мавзӯъ муҳим буд. Ба шумо низ маслиҳат медиҳам, ки ин китобро хонед ва аз нуқтаи назари муаллиф ҳодисаро дарк кунед.

Бигзор Худованд ба шумо баракат диҳад ва ҳангоми хондани ин китоб ваҳии Худро ато фармояд!

Сарусқуфи Калисои "Каломи Ҳаёт"-и Арманистон
устод Артур Симонян

# САРСУХАН

Хонандаи азиз! Ин китоб ба саволҳои “Оё шароб истеъмол кардан мумкин аст ё не?”, “Оё истеъмоли шароб ба ҳаёти рӯҳонии мо ва фаъолияти масеҳиамон монеъ шуда метавонад ё не?” ҷавоб медиҳад. Чунин гуна саволҳо имрӯз бисёр масеҳиёнро ба ташвиш овардааст.

Имрӯз дар мавзӯи истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ масеҳиён ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд.

Масеҳиёне ҳастанд, ки нӯшокиҳои спиртиро истеъмол карда, аъмоли худро бо ҳодисаи Китоби Муқаддас, ки дар он ҷо Исо обро ба шароб табдил додааст, (ниг. Юҳанно 2:1,11) рӯйпӯш мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки агар Исо 300-500 литр обро ба воситаи мӯъҷиза ба шароб табдил дода бошад, (мо медонем, ки Исо кори нодурустро анҷом намедиҳад), ин маъно дорад, ки истеъмоли шароб раво аст. Барои он ки Ӯ бо имконияти аввалини мӯъҷиза офаридан обро ба шароб табдил дод”.

Бо чунин ақидаҳо имрӯз бисёр масеҳиёни аз олами боло таваллудёфта нӯшокиҳои спиртиро истеъмол намуда, баъзан то ҳолати мастӣ мерасанд.

Ё онҳо суханони Павлусро ба ёд меоранд, ки ӯ ба Тимотиюс ба ҷойи дору андак шароб нӯшиданро тавсия медиҳад.

*“Минбаъд оби танҳо нанӯш, балки барои меъдаат ва нотобиҳои зиёде, ки дорӣ, каме шароб ба кор бар” (1 Тимотиюс 5:23).*

Боре ман бо усқуф Артур дар бораи ин тавсияи Павлус сӯҳбат кардам ва ӯ чунин ҷавоб дод:

“Имрӯз бисёриҳо маслиҳати Павлусро барои сафед кардани амали худ истифода мебаранд. Чунин шахсон аз рӯйи ҳавасҳои худ дигаронро низ барои истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ташвиқ карда мегӯянд, ки ҳатто вакил Павлус ба Тимотиюс маслиҳат дода буд, ки шароб бинӯшад. Лекин мо диққати худро на ба маслиҳати Павлус, балки ба Тимотиюс бояд ҷалб кунем. Тимотиюс ҳамчун масеҳии устувор қарор қабул кард, ки ба Исо хизмат мекунад ва ҳаргиз шароб истеъмол намекунад. Аз ин рӯ, Павлус маҷбур шуда буд, ки дар мактубаш Тимотиюсро водор намояд, то ки ӯ барои саломатиаш ҳамчун дору шароб нӯшад”.

Фикр мекунам, ки гуфтаҳои боло бисёр равшан ва возеҳ ифода шудаанд.

Мо набояд Китоби Муқаддасро аз рӯйи хоҳишҳои худ дигаргун созем, баръакс бояд рафтори худро ба Китоби Муқаддас мутеъ гардонем.

Бисёр масеҳиён Исоро тарафдорӣ карда, Китоби Муқаддасро аз нуқтаи назари худ маънидод карда мегӯянд, ки Исо обро на ба шароб, балки ба шарбати ангур табдил додааст.

Азбаски одамон ба саволҳои муайяни Китоби Муқаддас

ҷавоби возеҳ надоранд ва онҳоро нодуруст маънидод мекунанд, чунин андешаҳо бештар дар баҳсҳои илоҳӣ пайдо мешаванд.

Ба фикри ман бисёр саволҳое ҳастанд, ки ҷавоби онҳоро мо фақат дар осмон гирифта метавонем. Агар ба ман саволи намедонистагиамро диҳанд, ба ҷойи аз фикри худ ҷавоб додан, беҳтар аст, ки "намедонам" гӯям.

Шоҳ Сулаймон яке аз шахсони боҳикмати дунё буд. Ӯ дар китоби Воиз чунин навиштааст:

> *"...ва берун аз андоза рафтори хирадмандона накун: чаро худро ба ҳалокат бирасонӣ?"*

Барои ҳамин лозим нест, ки худро дар ҳар маврид "доно" нишон дода, ба ҳама савол ҷавоб диҳем.

Исо мисоли комили мо мебошад, ки мо ба Ӯ тақлид карда метавонем. Ҳангоме ки Ӯ дар бораи рӯзи қиёмат сухан меронд, шогирдон аз Ӯ пурсиданд:

"Моро огоҳ кун, ки ин кай воқеъ мешавад ва аломоти рӯй додани ҳамаи ин чӣ гуна аст?"

Исо ба онҳо нишонаҳои рӯзи қиёматро гуфт, лекин дар бораи рӯз ва соати фаро расиданаш "Ман намедонам" гуфтааст.

"Аммо он рӯз ва он соатро ғайр аз Падар касе намедонад, на фариштагони Осмон, на Писар" (Марқӯс 13:32).

Агар Худованд ба саволи шогирдонаш "Ман намедонам" гуфта бошад, мо низ агар ба саволи Китоби Муқаддас ҷавоби возеҳ надошта бошем, бояд ғурури худро як сӯ гузошта, "Ман ҷавоби ин саволро намедонам" гӯем.

Солҳои охир ҳар қадар Китоби Муқаддасро омӯзам, ҳамон қадар саволҳое ба миён меояд, ки ман ҷавобашро намедонам.

- Ман намедонам барои чӣ Иброҳим - як шахси сарватманд ба Ҳоҷар нону оби кофӣ ва барои савора рафтан ҳатто як хар надод. Балки ӯ ва фарзандаш Исмоилро бо як хӯроки камғизое ба биёбон, ба марги ногузин равон кард (ниг. Ҳастӣ 21:14,16).
- Ман намедонам барои чӣ ҳангоми пас аз марг дубора зинда шудани Исо ҷасади муқаддасон аз қабрҳо бархеста, ба Ерусалим рафтанд (ниг. Матто 27:52,53).
- Ман намедонам дар бораи кадом неши шайтон Павлус сухан меронад.
- Ман намедонам, ман намедонам, ман намедонам....

Бисёр саволҳое ҳастанд, ки дар ҷавоб "ман намедонам" мегӯям. (Ман дар ҳар маврид нуқтаи назари худро дорам, вале он бо Китоби Муқаддас мувофиқат намекунад).

Бо навиштани ин китоб ақидаҳоямро ба бародарону хоҳарон ташвиқ карданӣ нестам ва дар ягон ҳолат касеро хафа кардан низ намехоҳам. Дар ин китоб ман нуқтаи назарамро вобаста ба ҳодисае, ки дар Китоби Муқаддас омадааст, изҳор кардаам. Агар шумо бо он розӣ набошед, илтимос маро бубахшед, ки андешаҳои ман аз нуқтаи назари шумо фарқ мекунанд.

*Дар Аҳди Қадим одатан шароб рамзи баракат ва нашъунамо буд.*

# 1

## ШАРОБ ДАР АҲДИ ҚАДИМ

*“Дар рӯзи сеюм дар Қонои Ҷалил тӯйи арӯсӣ буд ва модари Исо дар он ҷо буд. Исо ва шогирдонашро низ ба тӯй даъват карда буданд. Чун шароб камӣ кард, модари Исо ба Ӯ гуфт: “Шароб надоранд”. Исо ба вай гуфт: “Туро бо Ман чӣ кор аст, эй зан? Соати Ман ҳанӯз нарасидааст”. Модараш ба хизматгори гуфт: “Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред”. Дар он ҷо, мувофиқи оини яҳудиён, шаш кӯзаи сангин истода буд, ки гунҷоиши ҳар яке ду ё се бат буд. Исо ба онҳо гуфт: “Зарфҳоро аз об пур кунед”. Ва онҳоро лабрез карданд. Ва гуфт: “Акнун кашида, ба сардори базм баред” Ва онҳоро бурданд. Чун сардор оби ба шароб мубаддалшударо чашид ва надонист, ки аз куҷост, зеро фақат хизматгороне, ки обро кашида буданд, медонистанд ва сардор домодро хонда, ба вай гуфт: “Ҳар кас аввал шароби хубро медиҳад ва чун маст шуданд, бадашро меоварад, лекин ту шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ” Ин ибтидои мӯъҷизоте буд, ки Исо дар Қонои Ҷалил нишон дода, ҷалоли Худро зоҳир кард ва шогирдонаш ба Ӯ имон овурданд” .*

Юҳанно 2:1-11

Дар ин воқеаи Китоби Муқаддас шароб мавқеи асосиро ишғол кардааст. Дар тӯйи арӯсӣ барои

меҳмонон шароб нарасид, лекин Исо оби зиёдро ба шароб мубаддал карда, мӯъҷизае нишон дод. Ин мӯъҷизаи Исо ба мавзӯи баҳс табдил гашт. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки Исо обро на ба шароб, балки ба шарбати ангур табдил додааст. Дигарон боварӣ доранд, ки Исо ба меҳмонони маст боз 300-500 литр шароби тозаи пуртаъсир дод. (Яъне гӯё Ӯ тарафдори мастӣ буд).

Вобаста ба ин мавзӯъ ба Аҳди Қадим, ки дар он ҷо дар бораи шароб сухан меронад, назар мекунем ва мебинем, ки дар Аҳди Қадим шароб чӣ рамз дошт.

Исҳоқ дар ҳаёти Яъқуб нон ва шаробро ҳамчун нишонаи баракат эътироф кард: *"Ва туро Худо бо шабнами осмонва аз фарбеҳӣва аз фаровонии ғалла ва шираи ангур ато фармояд"* (Ҳастӣ 27:28).

Сулаймон низ баракати фаровони ғалла ва шаробро зикр мекунад, ки он ҳамчун тӯҳфа аз ҷониби Худованд меояд:

> *"Аз дорои худ ва аз гузини тамоми ҳосилоти худ Худовандро ҷалол деҳ ва анборҳои ту то ба ҳадди фаровонӣ пур хоҳад шуд ва чархуштҳои ту аз шираи ангур лабрез хоҳад гардид" (Масалҳо 3: 9,10).*

Маликсодақ бошад, ба пешвози Иброҳим бо нону шароб баромадааст:

> *"Ва Маликсодақ подшоҳи Салим нон ва май баровард ва ӯ коҳини худои Таоло буд. Ва ӯро баракат дода, гуфт: "Муборак аст Абром аз ҷониби Худои Таоло, Молики осмон ва замин" (Ҳастӣ 14:18,19).*

Ӯ Худои халқи Исроилро баракат дода, чунин гуфтааст:

*"Худованд ба ямини Худ ва ба бозуи қавми Худ қасам хӯрдааст: "Ғаллаи туро дигар хӯроки душманонат нахоҳам сохт ва аҷнабиён шароби туро ки барояш меҳнат кардаӣ, нахоҳанд нӯшид, балки онҳое, ки онро ҷамъ мекунанд, онро хӯрда, Худовандро мадҳ хоҳанд намуд, ва онҳое, ки онро мечинанд, онро дар саҳнҳои қудси Ман хоҳанд нӯшид" (Ишаъё 62:8,9).*

Дар ин ҷо ҳатто Худованд қасам мехӯрад. Яъне Ӯ ба қавме, ки доимо шубҳа мекунад, мефаҳмонад, ки онҳоро ки барои шароби худ заҳмат кашидаанд, баракат доданист. Агар онҳо гапи Ӯро гӯш кунанд, аз ҳосили заҳмати худ дар саҳни ҳавлии Худованд ҳаловат хоҳанд бурд.

Дар сурати беитоатӣ кардан онҳоро натиҷаи нохуб интизор буд:

*"Токзорҳо шинонида, парвариш хоҳӣ кард, вале шароб нахоҳӣ нӯшид ва ангур нахоҳӣ чид; зеро ки онро кирм хоҳад хӯрд" (Такрори шариат 28:39).*

*"Бинобар ин азбаски бенаворо поймол кардед ва аз ғаллаи вай хироҷ гирифтед, хонаҳоро аз санги тарошида хоҳед сохт, вале дар онҳо сокин нахоҳед шуд; токҳои дилпазир хоҳед парварид, вале шароби онҳоро нахоҳед нӯшид" (Омӯс 5:11).*

*"Ту кишт хоҳӣ кард, вале нахоҳӣ даравид; ту зайтунро пахш хоҳӣ кард, вале ба баданат равған нахоҳӣ молид ва шираи ангур ҳосил хоҳӣ кард, вале шароб нахоҳӣ нӯшид" (Мико 6:15).*

Яъне шумо бисёр заҳмат мекашед, вале шарбати ангури худро, ки баракат аст, нахоҳед чашид.

> *“Ва асирони қавми Худ Исроилро хоҳам баргардонид ва онҳо шаҳрҳои валангоршударо бино карда, дар онҳо сокин хоҳанд шуд ва токҳо шинонда, шароби онро хоҳанд нӯшид ва боғҳо парвариш намуда меваи онҳоро хоҳанд хӯрд. Ва Ман онҳоро дар заминашон хоҳам шинонд ва онҳо дигар аз заминашон, ки ба онҳо додаам, канда нахоҳанд шуд” мегӯяд Худованд Худо ту” (Омӯс 9:14,15).*

Аз ин ва дигар навиштаҳои Китоби Муқаддас ман ба хулосае меоям, ки дар Аҳди Қадим шароб нишонаи баракату нашъунамо буд. Сарватмандӣ ва бенавоии шахс аз миқдори чорвои хурду шохдор ва аз миқдори захираи ғаллаю шароб ҳисоб карда мешуд.

*Суханони Исоро шумо мефаҳмед ва ё он суханон*
*ба таҷрибаи ҳаёт ва ба китобҳои хондаатон мувофиқ аст,*
*умуман аҳамият надорад. Фақат он чизе ки*
*Исо гуфтааст, ба ҷо оваред.*

# 2

## ОН ЧИЗЕ, КИ ИСО БА ШУМО МЕГӮЯД, ҲАМОНРО ИҶРО КУНЕД

Акнун ба базми тӯй, ки дар Аҳди Нав хонда будем, бармегардем. (Аз боби пештара бояд дар хотир дошта бошед, ки дар Аҳди Қадим шароб нишонаи баракату нашъунамо буд).

*“Дар рӯзи сеюм дар Қонои Ҷалил тӯйи арӯсӣ буд ва модари Исо дар он ҷо буд. Исо ва шогирдонашро низ ба тӯй даъват карда буданд. Чун шароб камӣ кард, модари Исо ба Ӯ гуфт: “Шароб надоранд”. Исо ба вай гуфт: “Туро бо Ман чӣ кор аст, эй зан? Соати Ман ҳанӯз нарасидааст”. Модараш ба хизматгорон гуфт: “Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо овconfiguratоред” (Юҳанно 2:1-5).*

Дар Қонои Ҷалил тӯйи арӯсӣ буд, ки дар он Исо, модараш Марям ва шогирдони Ӯ даъват шуда буданд. Дар миёнаи базм меҳмонон масти шароб шуда буданд, лекин базм ҳанӯз ба охир нарасида буд. Хизматгузорон пайхас карданд, ки шароб тамом мешавад. Яъне ин маъно дошт, ки баракати домод ба охир расидааст.

Дар ин вақти мушкил фикре ба сари Марям омад. Ӯ назди Исо омада, аз Вай хоҳиш кард, ки ба домод ёрӣ расонда, ӯро

аз шармандагӣ раҳонад. Марям розигии Исоро гирифта, ба хизматгузорон суханонеро гуфт, ки имрӯз Рӯҳи Муқаддас ба мо мегӯяд:

> *“Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред” (Юҳанно 2:5).*

Марям ба онҳо гуфта буд, ки фақат ба суханони Исо итоат кунанд.

Хонандаи азиз, Исо Каломи Худо аст (ниг. Юҳанно 1:1) Рӯҳи Муқаддас ба монанди Марям сухан меронад: “Он чизе, ки Исо (Каломи Худо) мегӯяд, ҳамонро ба ҷо оваред”. Бо фикрҳои зиёдии чӣ бояд кард ва ё накард, худро саргаранг накунед. Он чизе, ки Исо мегӯяд, ҳамонро ба ҷо оваред. Муҳим нест, ки шумо маънои суханони Исоро то охир дарк мекунед ё не, муҳим нест, ки он мувофиқи таҷрибаи зиндагӣ ва китобҳои хондаи шумо мебошад ё не. Танҳо чизе, ки Исо гуфт, ҳамонро ба ҷо оваред!

Одатан Исо суханонеро мегӯяд, ки ба назар, фикрронӣ ва таҷрибаи шумо ҳайратовар мебошад. Мо ҳамеша мехоҳем, ки амрҳои Худованд фаҳмо ва осон бошанд, аммо Ӯ дар ин мавридмегӯяд:

> *“Яҳудиён бо ҳамдигар мубоҳиса карда, мегуфтанд: “Чӣ тавр ин Шахс метавонад Бадани Худро бидиҳад, то мо бихӯрем?” Исо ба онҳо гуфт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар Бадани Писари Одамро нахӯред ва Хуни Ӯро нанӯшед, дар худ ҳаёт надоред” (Юҳанно 6:52-54).*

Баъд аз ин суханони Исо оё шумо ҳолати яҳудиёнро тасаввур карда метавонед? Тамоми умри худ онҳо ҳатто гӯшти

ҳайвоноти нопокро нахӯрда буданд, Ӯ бошад мегӯяд, ки онҳо бояд ҷисмашро бихӯранд. Шояд пас аз суханони Исо, ки дар базми арӯсӣ *“Зарфҳоро бо об пур кунед” гуфта буд,* (Юҳанно 2:7) ҳолати хизматгузорон низ ҳайратовар буд.

Ба хизматгузорон на об, балки шароб лозим буд (ва на шарбати ангур, ки баъзеҳо чунин ақида доранд). Лекин Исо ба онҳо амр кард, ки об оварда, зарфҳои сангинро бо об пур кунанд (на ин ки зарфҳои шаробро пур кунанд).

Ҳангоме, ки Худованд сухан меронад, мо бояд итоат кунем, на ин ки фикри худро баён ва ё эътироз намоем. Петрус одатан чунин мекард (ниг. Матто 16:22, 26:33).

Дар назари аввал чунин фармон ҳайратовар менамояд. Агар Исо ба воситаи об мӯъҷиза нишон дода, онро ба шароб табдил дода бошад, зарфҳои шаробро низ бо об пур карда метавонист. Бо кадом роҳе, ки хизматгузорон зарфҳои шаробро холӣ кунанд, дар он як миқдор шароб, ақаллан як қатра боқӣ мемонд. Дар натиҷа имконияти зарфҳоро бо об пур карда, бо қатраҳои боқимондаи шароб мӯъҷиза кардан вуҷуд дошт. Ё ба воситаи дуо қатраҳои шаробро бе иловаи об афзун намудан мумкин буд, то ки зарфҳо бо шароб пур шаванд. Ин мӯъҷизаи “афзун кардан” аст ва чунин мӯъҷизаҳоро мо дар Китоби Муқаддас дида метавонем.

Биёед якчанд мисоли афзун карданро дар Аҳди Қадим дида мебароем.

Дар вақти гуруснагӣ Илёс ба хонаи бевазан омада мӯъҷиза кард. Дар натиҷа миқдори ками орду равған ба воситаи мӯъҷиза ҳамеша зиёд шуда, то анҷоми давраи гуруснагӣ қатъ нашуд.

*“Зеро Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: “Чалаки орд тамом нахоҳад шуд ва кӯзаи равған кам нахоҳад монд, то рӯзе, ки Худованд борон бар замин биборонад. Вай рафта бар тибқи гуфтаи Илёс амал кард; ва вай ва ӯ ба аҳли хонаи вай чандин айём хӯрданд. Чалаки орд тамом нашуд ва кӯзаи равған кам намонд, бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи Илёс гуфта буд” (3 Подшоҳон 17:14-16).*

Худо ба воситаи Элишоъ низ мӯъҷизаи афзуншавиро нишон додааст.

*“Ва зане аз занони банӣ анбиё фиғон намуда, ба Элишоъ гуфт: “Бандаат, шавҳари ман мурд ва ту медонӣ, ки бандаат аз Худованд метарсид; қарзхоҳ омадааст, ки ду бачаи маро бо худ ба ғуломӣ бигирад”. Ва Элишоъ ба вай гуфт: “Барои ту чӣ кунам? Ба ман бигӯ, ки дар хонаат чӣ дорӣ?” Вай гуфт: “Чӯрии ту дар хона ҷуз зарфе бо равған, чизе надорад” Ва ӯ гуфт: “Рафта, барои худ аз берун, аз ҳамаи ҳамсояҳоят зарфҳо бипурс, зарфҳои холӣ, ки кам набошад; ва омада дарро аз пушти худат ва писаронат бибанд ва дар ҳамаи ин зарфҳо бирез ва он чи пур шавад дар канор бимон”. Вай аз пеши ӯ рафта, дарро аз пеши худ ва писаронаш баст; онҳо пеши вай мегузоштанд вай мерехт. Вақте, ки зарфҳо пур шуд, вай ба писараш гуфт. “пеши ман боз зарфе бимон”. Ва ӯ ба вай гуфт: “зарфе дигаре нест” ва равған бозистод” (4 Подшоҳон 4:1-6).*

Ин зан барои равған танҳо як зарф дошт. Зарфи равған нав набуд ва пештар мавриди истифода қарор гирифта буд. Яъне ҳатто агар он холӣ бошад ҳам, дар таги зарф каме равған боқӣ мемонад, ки инро бо қатраҳои шароб монанд кардан мумкин аст. Пайғамбар маҳз ҳамин равғанро барои мӯъҷиза истифода бурдааст.

Биёед як мисоли афзун кардани нонро низ мебинем.

*“Ва шахсе аз Баал Шолишо омада, барои марди Худо нони навбар: бист курс нони ҷав ва донаҳои тару тозаи ҷав дар линчаи худ овард. Ва гуфт: “Ба мардум бидеҳ, то ки бихӯранд”. Ва навкаронаш гуфт: “Ин чӣ қадар аст, ки пеши сад кас бигузорам?” Ва ӯ гуфт: “Ба мардум бидеҳ, то ки бихӯранд, зеро ки Худованд чунин мегӯяд: “Хоҳанд хӯрд ва аз онҳо зиёдатӣ хоҳад монд” Ва пеши онҳо гузоштанд ва онҳо хӯрданд ва бар тибқи Каломи Худованд аз онҳо зиёдатӣ монд” (4 Подшоҳон 4:42-44).*

Ин гуна мӯъҷизаҳо дар хизмати Исо низ буданд. Масалан, дар мӯъҷизаи нон ва моҳӣ, ки афзун шуда буд, онро ҳазорон нафар хӯрда, сер шуданд ва ҳатто зиёдатӣ монд.

*“Ва ба Ӯ гуфтанд: “Мо дар ин ҷо фақат панҷ нон ва ду моҳӣ дорем”. Гуфт: “Онҳоро ин ҷо назди Ман биёред”. Ва мардумро фармуд, ки бар сабза бинишинанд ва панҷ нону ду моҳиро гирифта ба осмон нигаристу баракат дод ва нонро пора карда ба шогирдон дод ва шогирдон ба мардум доданд. Ҳама хӯрдану сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд; ва хӯрандагон ба ғайр аз занону бачагон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд” (Матто 14:17-21).*

*“Ва ҳафт нон ва моҳиёнро гирифта, бо изҳорӣ шукргузорӣ пора кард ва ба шогирдонаш дод ва шогирдон ба мардум доданд. Ва ҳама хӯрда сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда ҳафт сабадро пур карда бардоштанд; хӯрдагон ғайр аз занону кӯдакон чор ҳазор мард буданд” (Матто 15:36-38).*

Дар ин ҳолат ба воситаи зиёдшавӣ бисёр мардум сер шуданд. Дар ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки Исо айни ҳамон

моҳиро, ки ба Ӯ дода буданд, афзун кард. Ӯ як миқдор моҳиро ба моҳии фарел ва миқдори дигарашро ба дигар намуди моҳӣ табдил надод.

Дар ҳар як мӯъҷиза ҳамон орд, равған, моҳӣ ва шароб афзун мегашт.

Ҳангоме ки мо дар бораи ин воқеаҳо мехонем, саволе ба миён меояд, ки барои чӣ Исо ҳангоми табдил додани об ба шароб усулҳоеро, ки дар Аҳди Қадим истифода мешуд, ба кор набурд, вале дертар дар дигар ҳолатҳо аз рӯйи он усулҳо амал кард? Чаро Ӯ барои мӯъҷиза кардан қатраҳо ва зарфҳои шаробро истифода набурд ва ба ҷойи он обу зарфҳои сангини обро истифода бурд? Чаро Исо на мӯъҷизаи афзоиш, балки мӯъҷизаи мубаддалшавиро (об ба шаробро) анҷом дод?

Барои ба ин савол ҷавоб додан биёед фаҳмем, ки ин зарфҳои сангин барои чӣ истифода бурда мешуданд.

*Шароби кӯзаҳои сангин ҳамон Оби аз ҷониби*
*Худованд пок кардашуда буд ва рамзи*
*Хуни Худованд Исо буд, ки ба ин ҷаҳон*
*пешниҳод дода шуд.*

# 3

# КӮЗАҲОИ САНГИН ВА ОБИ ПОКШУДА

## Кӯзаҳои сангин

Дар он замон кӯзаҳои сангин чӣ гуна шакл доштанд? Дар хонаи домод шаш кӯзаи сангин буд ва ҳар яки он ду ё се андоза бат доштанд. Яъне дар ҳар яки он аз 50 то 80 литр об ҷой мешуд ва яҳудиён онро барои шустани дастурӯй ва таҳорат истифода мебурданд (ниг. Юҳанно 2:6).

> *“Фарисиён ва баъзе китобдонон, ки аз Ерусалим омада буданд, назди Ӯ ҷамъ шуданд; Ва чун диданд, ки баъзе аз шогирдони Ӯ бо дастҳои нопок яъне ношуста нон мехӯранд, сарзаниш карданд. Зеро ки фарисиён ва ҳамаи яҳудиён ба ривоятҳои муршидон пайравӣ намуда, то дастҳои худро бодиққат нашӯянд, хӯрок намехӯранд; Ва чун аз бозорҳо оянд, то нашӯянд, чизе намехӯранд. Ва бисёр расмҳои дигар ҳаст, ки нигоҳ медоранд: монанди шустани пиёлаҳо, кӯзаҳо ва курсиҳо. Пас фарисиён ва китобдонон аз Ӯ пурсиданд “Чаро шогирдони Ту ба ривоятҳои муршидон пайравӣ намекунанд, балки бо дастҳои ношуста нон мехӯранд?” (Марқӯс 7:1-5).*

Яҳудиён дар хонаҳои худ зарфҳои махсуси обро нигоҳ медоштанд, то ҳар бор аз кӯча баргашта, шустушӯ карда тавонанд. Яъне он кӯзаҳои сангин барои покшавӣ буд.

Барои он ки дақиқ дарк кунем, ки дар базми арӯсӣ чӣ рӯй дод, мо бояд донем, ки оби покшуда чӣ гуна буд.

## Оби Покшуда

Дар Аҳди Қадим дар бораи оби таҳорат навишта шудааст, ки бо он яҳудиён аз наҷосоти ҷисмиашон, ки натиҷаи гуноҳҳояшон буд, пок мешуданд.

> *“Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда гуфт: “Ин аст фароизи шариат, ки Худованд амр фармуда мегӯяд: ба банӣ Исроил бигӯ, ки модагови сурхи комиле, ки айбе надошта бошад ва юғ бар гарданаш гузошта нашуда бошад, назди ту биёранд. Ва онро ба Элъозори коҳин бидиҳед ва ӯ онро аз ӯрдугоҳ берун меоварад ва онро ба ҳузури ӯ мекушад. Ва бигзор Элъозори коҳин бо ангушти худ аз хуни он гирифта, ба тарафи пеши хаймаи ҷомеъ ҳафт карат он хунро бипошад. Ва модаговро пеши назари ӯ месӯзонанд; бигзор пӯсти он ва гӯшти он ва хуни он бо якҷоягии саргини он сӯзонида шавад. Ва бигзор коҳин чӯби арз ва зуфо ва риштаи қирмиз гирифта, бар оташи модагов партояд; ва коҳин либосашро бишӯяд ва баданашро дар об ғусл диҳад ва баъд аз он ба ӯрдугоҳ биёяд ва коҳин то шом наҷис хоҳад буд. Ва касе, ки онро сӯзонидааст, бигзор либосашро бо об бишӯяд ва баданашро дар об ғусл диҳад ва то шом наҷис хоҳад буд. Ва бигзор шахси поке хокистари модаговро ҷамъ карда, берун аз ӯрдугоҳ дар макони поке бимонад ва он аз баҳри ҷамоати банӣ Исроил барои оби поккунанда нигоҳ дошта хоҳад шуд; ин пок кардан аст аз гуноҳ” (Ададҳо 19:1-9).*

Худо ба Мусо амр дод, ки оби махсус тайёр кунад, ки яҳудиёнро аз наҷосоташон пок мекард. Он оби тақдис ном

дошт ва дар хизматгузории яҳудиён ба Худо қисми муҳим ба шумор мерафт.

*“Ва бигзор барои шахси наҷис аз хокистари он қурбонии аз баҳри гуноҳ сӯзонидашуда бигиранд, ки оби равон бар он дар зарфе бирезанд. Ва шахси поке зуфо гирифта, дар он об биғӯтонанд ва бар хайма ва бар тамоми коло ва бар касоне, ки дар он буданд ва бар шахсе, ки ба устухон, ё ба мақтул, ё ба ҷасади мурда, ё ба қабр расидааст, бипошад. Ва шахси пок бар шахси наҷис, дар рӯзи сеюм ва дар рӯзи ҳафтум бипошад ва дар рӯзи ҳафтум ӯро пок гардонад ва он гоҳ ӯ либосашро мешӯяд ва дар об ғусл мекунад ва шомгоҳ пок хоҳад буд” (Ададҳо 19:17-19).*

Тавре ки аз боби 19-уми Китоби Ададҳо маълум мегардад, моҳияти асосии ин оби поккунанда модагови сурх мебошад.

## Модагови сурх

Барои тайёр кардани оби поккунанда яҳудиён бояд модагови сурхи беайбро гирифта, онро берун аз ӯрдугоҳ забҳ мекарданд. Дар Аҳди Қадим бисёр ҳолатҳое омадаанд, ки Худо амр мефармояд, ки ҷинояткоронро берун аз ӯрдугоҳ бароварда ба қатл расонанд.

*“Ва Худованд ба Мусо гуфт: Ин кас ҳатман бояд кушта шавад; бигзор тамоми ҷамоат ӯро берун аз ӯрдугоҳ бароварда, сангсор кунанд” (Ададҳо 15:35).*

“Ва Еҳушаъ ва тамоми Исроил ҳамроҳи ӯ, Охон ибни Зораҳ ва нуқра ва ҷома ва сихи тилло ва писарон ва духтаронаш ва говонаш ва харонаш ва бузу гусфандонаш ва хаймааш

ва ҳар чиро, ки дошт гирифтанд ва онҳоро ба водии Охӯр баровярданд. Ва Еҳушаъ гуфт: “Чӣ фалокате, ки ту ба сари мо овардӣ? Худованд имрӯз ба сари ту фалокат хоҳад оварад ва тамоми Исроил ӯро сангсор карданд ва онҳоро дар оташ сӯзониданд ва онҳоро сангборон карданд (Еҳушаъ 7:24,25).

Дар асл модагови сурх ин рамзи қурбонии Масеҳ (бегуноҳ ва беайб) мебошад, ки берун аз ӯрдугоҳ (Ерусалим) ба қурбонӣ оварда шуд. Ӯ беайбу бегуноҳ буд. Исо гуноҳҳои моро ба дӯши худ гирифта, аз ӯрдугоҳ берун баромада, дар Ҷолҷото маслуб шуд. Шайтон якчанд маротиба пеш аз мӯҳлат хост, ки Исоро берун аз ӯрдугоҳ баровярда, ба қатл расонад, то нубуватҳое, ки дар бораи Ӯ навишташуда амалӣ нагарданд.

*“Тамоми аҳли куништ инро шунида, пур аз ғазаб шуданд. Ва бархоста, Ӯро аз шаҳр бадар карданд ва бар қуллаи кӯҳе, ки шаҳрашон бар он сохта шуда буд, бурданд, ки Ӯро ба зер афкананд. Аммо Ӯ аз миёни онҳо гузашта, ба роҳи Худ рафт” (Луқо 4:28,30 ва инчунин ба Юҳанно 8:59, 10:39 нигаред).*

Ба кӯшишҳои шайтон нигоҳ накарда Исо тамоми роҳро, ки барои Ӯ пешбинӣ шуда буд, тай кард. Ӯ танҳо дар соати муқаррарнамудаи Падар аз ӯрдугоҳ баромада, маслуб шуд.

*“Аз ин сабаб Падар Маро дӯст медорад, ки Ман ҷони худро фидо мекунам, то ки онро боз ёбам; ҳеҷ кас онро аз Ман намегирад, балки Худи Ман онро фидо мекунам: қудрат дорам, ки онро фидо кунам, ва қудрат дорам, ки онро боз ёбам; ин ҳукмро аз Падари Худ гирифтаам” (Юҳанно 10:17,18).*

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ба қурбонӣ овардани модагови сурх рамз ва нишонаи қурбон шудани Масеҳ аст.

Муаллифи нома ба Ибриён хуни қурбонии говҳо ва хуни қурбонии Масеҳро муқоиса карда навиштааст:

*"Аммо Масеҳ ҳамчун Саркоҳини некиҳои оянда омада, ба воситаи хаймаи бузургтар ва мукаммалтаре, ки бо дасти одам сохта нашудааст, яъне сохташ чунин нест ва на ба воситаи хуни бузҳо ва говҳо, балки ба воситаи Хуни Худ як бор ба қудс дохил шуда, кафорати абадӣ пайдо кард, зеро агар хуни бузҳо ва говҳо ва хокистари модагов, ки ба палидон пошида мешавад, онҳоро то ба дараҷаи татҳири ҷисм тақдис мекарда бошад, чӣ қадар бештар Хуни Масеҳ, ки ба василаи Рӯҳи абадӣ Зоти беайбӣ худро тақдим намуд, виҷдони моро аз аъмоли беҷон татҳир хоҳад кард, то ки Хуни Ҳай ва ҳақиқиро ибодат намоем!" (Ибриён 9:11-14).*

Агар хуни гов нопокиҳои инсониро муваққатан тақдис карда, қудсият бахшад, Хуни Худованд моро то абад тақдис карда, бо Оби Пок тоза мекунад:

*"Пас эй бародарон, модоме ки мо ҷуръат дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ, бо роҳи нав ва зинда дохил шавем, ки онро Ӯ барои мо ба василаи пардае, яъне ҷисми худ аз нав кушодааст ва модоме, ки мо Коҳини муаззаме бар хонаи худо дорем, пас бо дили соф ва бо имони комил, дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарир мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, наздик оем" (Ибриён 10: 19-22).*

Муаллиф талқин мекунад, ки мо бояд ҷисмҳои худро бо Оби Пок бишӯем. Агар оби кӯзаҳои сангин бадани моро пок мекарда бошад, пас оби аслии пок барои муқаддасии рӯҳонӣ пешбинӣ шудааст.

Шароби кӯзаҳои сангин Оби Пок, яъне Хуни пурқиммати Худованд буд, ки Масеҳ барои ин оламе, ки аз гуноҳ маст шудааст, тақдим кард.

Марқуси башоратдиҳанда навиштааст:

*“Зеро ки фарисиён ва ҳамаи яҳудиён ба ривоятҳои муршидон пайравӣ намуда, то дастҳои худро бодиққат нашӯянд, хӯрок намехӯранд” (Марқӯс 7:3).*

Агар имрӯз мо бо Хуни Масеҳ пок нашавем (худро нашӯем), аз дастархони осмонӣ ғизо хӯрда наметавонем. Ҳарчанд худро пок ва муқаддас шуморем ҳам, ба шустушӯ бо Оби Пок ҳамеша зарурат дорем.

*“Ба ӯ гуфтам: “Эй оғо, ту медонӣ”. Ва ӯ ба ман гуфт: “Ин касоне ҳастанд, ки аз азоби азим омадаанд; инҳо либосҳои худро шуста, бо Хуни барра сафед кардаанд” (Ваҳӣ 7:14).*

Ҳангоми кашидани азоби сахт (ва дар замонҳои мо низ) воситаи ягонаи покшавӣ аз гуноҳҳо пок шудан бо Хуни Барра мебошад...

Ба воқеаи базми арӯсӣ баргашта, ин бобро хулоса карда, бори дигар қайд кардан мехоҳам, ки кӯзаҳои сангин фақат барои оби таҳорат истифода бурда мешуданд ва барои нигоҳ доштани шароб пешбинӣ нашуда буданд.

*Ин шароби нав, ШАРОБИ ҲУШЁРКУНАНДА ва барои*

*яҳудиёни масти гуноҳ тақдими осмонӣ буд*

# 4

## БАРОИ ЧӢ КӮҲНА НЕ?

Дар ин боб ман ба ду саволи муҳим баргаштан мехоҳам:

А) Барои чӣ Исо на кӯзаҳои барои шароб пешбинишударо, балки кӯзаҳои сангини барои оби таҳорат пешбинишударо истифода бурд?

Б) Барои чӣ Исо қатраҳои шароби кӯҳнаро, ки дар зери кӯзаҳо боқӣ монда буданд, зиёд накарда, шароби навро офарид?

### А) Барои чӣ Исо кӯзаҳои барои шароб муайяншударо истифода набурд?

Оё ин кӯзаҳо ягон мушкилӣ доштанд? Шояд кӯзаҳо кӯҳна буданд ва ба фишори оби зиёд тоб оварда наметавонистанд?

Ҳамаи шароби базми арӯсӣ дар ин кӯзаҳо нигоҳ дошта мешуданд. Агар кӯзаҳо шаробро дар худ нигоҳ дошта тавониста бошанд, пас барои нигоҳ доштани об низ мувофиқ буданд.

Таҳқиқотҳои археологии асри як нишон медиҳанд, ки дар он замон шароб ё дар кӯзаҳои гилин ё дар кӯзаҳои калоне,

ки дар замин гӯронида мешуданд, нигоҳ дошта мешуд. Агар шаробро аз Рум меоварданд, онро дар зарфҳо гилини 20 литра нигоҳ медоштанд. Ҳар яке аз ин се намуди зарфҳо барои мӯъҷизаи Исо ба кор меомад.

Оё онҳо аз норасоии зарфҳо мушкилӣ доштанд? Барои чӣ Исо инҳоро истифода набурд?

Ба фикри ман ҳамаи ин зарфҳо дар тагашон ақаллан як қатра шароби кӯҳна доштанд ва меҳмонони базм онро нӯшида маст шуда буданд. Вале аз рӯйи суханони соҳиби базм он шароби хуб набуд. Барои чӣ қатраҳои боқимондаи шароби кӯзаҳо ба Исо писанд наомад ва Ӯ маҷбур шуд, ки барои мӯъҷиза зарфҳои дигарро истифода барад? Шароби кӯҳна чӣ камбудӣ дошт?

**Б) Барои чӣ Исо қатраҳои шароби кӯҳнаро истифода набурд?**

Мушкилӣ дар он буд, ки шароби боқимондаи зарфҳо шаробе буд, ки меҳмонони базми арӯсӣ аллакай онро нӯшида, маст шуда буданд. Дар ин ҷо Худованд дар муқоиса бо мӯъҷизаҳои пештараи афзун гардонидани (нон, моҳӣ, равған, орд) чизеро, ки натиҷаи лаънат (мастшавии мардум) буд, ба баракат табдил медиҳад. Масеҳ ба ин олам омад, ки мардумро аз мастӣ ҳушёр кунад ва ба воситаи марги худ моро назди Падар пок гардонад. Барои ҳамин мо набояд ғарқи гуноҳи мастӣ гардем. Исо дар ин мӯъҷиза қатраҳои

боқимондаи шароби кӯҳнаро истифода набурд, балки Ӯ шароби Аҳди Ҷадидро дар зарфҳои нав пешниҳод кард, ки он аз шароби кӯҳна фарқ мекарду бо қатраҳои он алоқае надошт.

Агар аз ҷиҳати рӯҳонӣ назар кунем, ин ду намуди шароб нишонаи Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид мебошад. Шароби кӯҳна аз байн рафтааст. Яҳудиён масти шароб гашта буданд ва аз боиси шариат, ки онро иҷро карда наметавонистанд, маҳкуми гуноҳ гаштаанд. Шароби нав аз ҷониби Худованд ба олами маст боз пешниҳод карда мешавад. Дар ин ҷо суханони Худовандро ба ёд овардан бамаврид аст.

> *“Ва шароби навро ба машки кӯҳна намеандозанд; вагарна машк дарида, шароб ҳам мерезад, машк ҳам талаф мешавад; балки шароби навро дар машки нав меандозанд ва ҳарду маҳфуз мемонанд” (Матто 9:17).*

Шароби нав ин Хуни Масеҳ мебошад, ки барои кафорати мо рехта шудааст.

Фикр мекунам, ки Исо ба зарфҳои гилин назар кард ва баъд ба яҳудиён муроҷиат карда гуфт:

“Ман ба шумо барои покшавӣ оби дигар медиҳам. Яъне шароби навро медиҳам, ки аз он на танҳо маст мешавед, балки онро чашида, аз мастии худ ҳушёр мешавед ва аз гуноҳҳоятон тавба мекунед”.

Чунин ҳолат бо сардори базм рух дод. Ӯ дар ҳолати мастӣ шароби навро нӯшида, ҳамон лаҳза ҳушёр шуд.

> *“Чун сардор оби ба шароб мубаддалшударо чашид ва надонист, ки аз куҷост, зеро фақат хизматгороне, ки обро кашида буданд,*

> *медонистанд ва сардор домодро хонда, ба вай гуфт: “Ҳар кас аввал шароби хубро медиҳад ва чун маст шуданд, бадашро меоварад, лекин ту шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ” (Юҳанно 2:9,10).*

Сардори базм шахси кирошуда набуд ва ба дастархону ғизо ва меҳмонон нигоҳ намекард. (Ӯ ҳатто хабар надошт, ки шароб тамом шудааст). Ӯ як шахси боэҳтироме буд, ки базмро сардорӣ карда, шаробро аввалин шуда месанҷид. Ӯ то ба дараҷае шахси мӯътабар буд, ки домодро ҷеғ зада, суханони худро ба ӯ гуфта метавонист. Ҳар дафъа ӯ пиёлаи шаробро баланд бардошта, барои саломатии касе шароб менӯшид (то ки ҳеҷ касро хафа накунад). Яъне ӯ низ мисли дигарон бисёр нӯшида маст шуда буд.

Сардори базм гуфт, ки шахси маст шароби хубро аз бад фарқ карда наметавонад. Лекин дар ҳолати мастӣ вай худаш шароби навро нӯшида, ҳушёр шуд ва фарқи байни шароби нав ва кӯҳнаро фаҳмид. Сипас ӯ ба хулосае омад, ки шароби Исо пешкашкарда беҳтар аст ва ба шаробе, ки пеш аз ин нӯшида буд, монандие надорад.

Яъне ин навъи ШАРОБИ ҲУШЁРКУНАНДАЕ буд, ки барои яҳудиёни маст аз осмон, аз ҷониби Худо пешкаш шуда буд.

*Ин шароб дар осмон истеҳсол шуда, ба монанди нони осмонӣ (манна) дастури аз чӣ таркиб ёфтанаш дар осмон буд.*

# 5

## ШАРОБИ НАВ

Шароби нав чӣ гуна буд?

Биёед ба шароби пешниҳод кардаи Исо равшанӣ меандозем.

Ҳангоме ки дар Аҳди Ҷадид дар бораи шароб сухан меравад, калимаи юнонии “ойнос” истифода бурда мешавад. Юнониён ин калимаро ҳам дар мавриди шароб ва ҳам дар мавриди шарбати ангур истифода мебурданд. Барои ҳамин мо ба саволи асосии ин воқеа, яъне Исо кадом “ойнос”-ро ба меҳмонон пешкаш карда буд, дучор мешавем

а) Оё ин шароби масткунандае буд, ки аз шароби пештара таъми беҳтаре дошт?

б) Оё ин шарбати ангур буд?

### а) Оё ин шароби оддӣ буд?

Ман ҳамчун масеҳии ҷавон мисли бисёриҳо фикр мекардам, ки ин шароби оддӣ буд ва бо ин ақида гоҳе нӯшокиҳои спиртиро истеъмол мекардам. Ба ғайр аз ин ман навиштаҳои Китоби Муқаддасро истифода бурда, рафторамро сафед мекардам.

Лекин пас аз чанд вақт ман ба Каломи Худо бо чашми дигар нигаристам ва онро на ба манфиати худ, балки аз рӯйи хости Худо маънидод кардам. Ин дигаргунӣ маро водор намуд, ки назди Худо тавба карда, аз нӯшокиҳои спиртӣ даст кашам.

Акнун ба саволи худ бармегардем, ки оё ин шароби оддӣ буд? Барои ҷавоб гирифтан биёед ба Исо назар мекунем, ки оё Худованди мо ба яҳудиёни аз шароб мастшуда боз чорсад литр шароби дигар ба онҳо медод? Албатта не!

Худованди мо барои он ба дунё омадааст, ки оламро аз мастӣ ҳушёр кунад, на ин ки бо мӯъҷизаи аввалини худ одамонро боз ҳам масттар кунад! Мақсади асосии ин мӯъҷиза дар ояти зерин навишта шудааст:

> *“Ин ибтидои мӯъҷизоте буд, ки Исо дар Қонон Ҷалил нишон дода, ҷалоли Худро зоҳир кард ва шогирдонаш ба Ӯ имон оварданд” (Юҳанно 2:11).*

Мақсади асосии ин мӯъҷиза ЗОҲИР КАРДАНИ ҶАЛОЛИ ХУД буд. Ман фикр намекунам, ки Китоби Муқаддас пайдо шудани шароби масткунандаро “зоҳир кардани ҷалол” ҳисоб мекунад.

Агар мақсади Ӯ шароби оддӣ офаридан мебуд, Худованд боқимондаи шароби кӯҳнаро дар зарфҳои кӯҳна (ҳатто бо таркиб ва таъми хубтар) афзун мегардонду хизматгузоронро заҳмат намедод.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки ин шароби оддӣ набуд. Ин пешниҳоди наве буд, ки на фақат бо қатраҳои шароби кӯҳна ҳеҷ алоқае надошт, балки бо зарфҳои кӯҳна низ умумияте надошт.

## б) Оё ин шарбати ангур буд?

Тарафдорони ин ақида ба калисоҳое тааллуқ доранд, ки бар истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ зид ҳастанд (ман ҳам ба чунин калисо тааллуқ дорам).

Агар фикри маро донистан хоҳед (шахсоне, ки ба шарбати ангур доштанаш бовар доранд, бигзор маро бубахшанд), ман бо ин ақида розӣ шуда наметавонам.

Гап дар сари он аст, ки аз Исо шароб хостанд, на шарбати ангур. Исо дар ҷавоб нагуфт: “Шумо аллакай маст ҳастед ва барои ҳамин ман ба шумо на шароб, балки шарбати ангур медиҳам”. Барои базми арӯсӣ шароб даркор буд.

Агар касе аз шумо хоҳиш кунад ки “Илтимос, бароям дуо намо, ман мӯҳтоҷи мӯъҷиза ҳастам. Мехоҳам хонаи худро бо нархи қиммат фурӯхта, қарзҳои худро адо кунам” ва баъд аз ин ҳамсояи ӯ мотосикли худро фурӯшад, ин шахс инро ҳамчун ҷавоб ба дуои худ ҳисоб карда наметавонад. Чунки мушкилиҳои ӯ то ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

Агар онҳо ба Исо мегуфтанд, ки “Гӯштбирён намерасад, барои хӯрок боз гӯшт лозим аст” ва Исо дар ҷавоб ба онҳо мегуфт ки “Ман ба шумо ёрдам медиҳам, то ки шарманда нашавед” ва баъд аз дуои Ӯ агар ду тағора картошка пайдо мешуд, ин мӯъҷиза набуд. Гӯшт ва картошка маҳсулоти якхела нестанд (шароб ва шарбати ангур низ фарқ мекунанд).

Мушкилии соҳибони тӯй дар он буд, ки шароби онҳо тамом шуд ва Марям аз Исо на шарбати ангур, балки шароб талаб кард.

Ҳангоме ки сардори базм оби ба шароб табдилшударо чашид, вай нагуфт, ки “Меҳмонони азиз, шароб тамом шуда бошад ҳам, хизматгузорон шарбати ангурро ба шумо доданд. Биёед аз нӯшидани шарбати ангур ҳаловат мебарем”.

Меҳмонони мастро бо шарбати ангур қонеъ кунонидан номумкин буд, онҳо мунтазири шароб буданд.

Сардори базм шароби пешкашкардаи Исоро чашида, онро таъриф кард ва ин тасдиқ мекунад, ки он на шарбати ангур, балки шароб буд.

> *“Чун сардор оби ба шароб мубаддалшударо чашид ва надонист, ки аз куҷост, зеро фақат хизматгороне ки обро кашида буданд, медонистанд ва сардор домодро хонда, ба вай гуфт: “Ҳар кас аввал шароби хубро медиҳад ва чун маст шуданд, бадашро меоварад, лекин ту шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ”” (Юҳанно 2:9,10).*

“Шароби хуб” чӣ маъно дорад? Ин маъно дорад, ки сардори базм шароби пешниҳодкардаи Исоро нӯшида, онро бо шароби кӯҳна муқоиса намуда, ба хулосае омадааст, ки шароби нав беҳтар аст.

Ақидае, ки сардори базм то ба дараҷае маст буд, ки шаробро аз шарбати ангур фарқ карда наметавонист, нодуруст аст. Ӯ возеҳу равшан гуфт, ки мардум дар базм аввал шароби хубро пешкаш мекунанд ва баъди маст шудани меҳмонон шароби сифаташ пастро медиҳанд. Вале дар он базм ӯ дид, ки шароби босифатро дар охир ба рӯйи дастархон гузоштанд ва ӯ инро ба домод гуфт.

Аз гуфтаҳои боло мо ба хулосае омада метавонем, ки дар ин ҷо сухан маҳз дар бораи шароб меравад. Барои қонеъ кардани талаботи онҳо на шарбати ангур, балки шароб даркор буд.

Дар ин сурат мо бояд ба саволи асосӣ ҷавоб диҳем: Агар он шарбати ангур ва шароби оддӣ ҳам набошад, пас чӣ буд? Шароби нав дар таркибаш чӣ дошт?

## ШАРОБИ НАВ

Аз рӯйи ҳодиса ва суханони сардори базм мо гуфта метавонем, ки таъми шароби нав бисёр хубу босифат буд. Лекин дар бораи аз чӣ таркиб ёфтани шароб фикр кардан ҷоиз нест, чунки он танҳо ба худи Исо маълум буд. Ман танҳо як чизро гуфта метавонам, ки ин шароб одамро на маст, балки ҳушёр мекард. Сардори базм ин шаробро нӯшида, ҳамон лаҳза ҳушёр шуд ва таъми онро фарқ карда, ба он баҳои баланд дод. Аз ин бармеояд, ки ин шароби ҲУШЁРКУНАНДА буд.

Ба ақидаи ман ин шароб рамзи шароби осмоние мебошад, ки Худованд ба мо дар Подшоҳии Худ ваъда кардааст.

> *"Аммо ба шумо мегӯям, ки минбаъд аз ин шираи ангур нахоҳам нӯшид; то ҳамон рӯзе ки дар Малакути Падари Худ инро бо шумо тоза бинӯшам" (Матто 26:29).*

Ба гумонам ҳеҷ кас дар бораи аз чӣ таркиб ёфтани шаробе, ки Исо дар Малакути Осмонӣ ба мо ваъда кардааст, намедонад. Ҳамчунин дар бораи аз чӣ таркиб ёфтани шаробе, ки аз об офарида шуд, донистан ғайриимкон аст. Чунки ҳеҷ

яке аз мо дар он базми арӯсӣ, дар Қонои Ҷалил набуд ва он шаробро начашидааст.

Дар Аҳди Қадим воқеае тасвир шудааст, ки ба ин мавзӯъ равшанӣ меандозад:

> *"Ва шомгоҳон чунин воқеъ шуд, ки бедонаҳо пайдо шуда, ӯрдугоҳро пӯшонид; ва бомдодон як қабат шабнам гирдогирди ӯрдугоҳ нишаст. Ва ҳангоме, ки қабати шабнам нопадид шуд, инак рӯи биёбон чизи резаи лӯнда лӯндае, резгие мисли яхча бар замин хобидааст. Ва банӣ Исроил онро диданд ва ба якдигар гуфтанд: "Ин чист?" зеро намедонистанд, ки он чист. Ва Мусо ба онҳо гуфт: "Ин нон аст, ки Худованд ба шумо додааст, то ки бихӯред" (Хуруҷ 16:13-15).*

Яҳудиён аз Худо ғизои оддӣ талаб карданд ва Ӯ ба онҳо ду навъ ғизо фиристод. Навъи якуми ғизо бедонаҳо, яъне ғизои заминӣ буд, ки таъмаш барои мардум ошно буд. Хӯроки дуюм нони осмоние буд, ки исроилиён маззаашро пештар начашида буданд. Ософ таъми нони осмониро (маннаро) дар таронаҳояш ба "гандуми осмонӣ" ва "нони фариштагон" шабоҳат додааст (Забур 77:24,25).

Акнун биёед бинем, ки Мусо маннаро чӣ тавр тасвир мекунад:

> *"Ва манна мисли тухми кашниҷ буд ва намудаш мисли намуди булӯр. Қавм гардиш карда, онро мечинданд ва бо дастос ос мекарданд, ё дар хона мекӯфтанд ва дар дег мепухтанд ва кулчаҳо аз он месохтанд ва таъми он мисли таъми илики равғанин буд. Ва ҳангоме ки бар ӯрдугоҳ шабона шабнам меборид, манна бар он меборид" (Ададҳо 11:7-9).*

Мусо ҳар рӯз манна хӯрда бошад ҳам, маззаи онро аниқ баён карда наметавонист (чунки ин нони осмонӣ буд). Ӯ онро ҳамчун нони осмонӣ гуфта, таъмашро ба чизе муқоиса мекунад, ки мо дар бораш каме ҳам бошад, тасаввурот дорем.

Агар Мусое, ки ҳар рӯз манна хӯрда, маззаашро дақиқ шарҳ дода натавонад, мо (касоне, ки шароби пешкашкардаи Исоро нӯшидаанд) дар бораи таркиби шароби нав тамоман фаҳмида наметавонем.

Ман фақат гуфтанӣ ҳастам, ки шароби нав дар осмон истеҳсол шуда буд ва таркиби он мисли таркиби манна дар осмон нигоҳ дошта шудааст.

Худованд гуфт, ки оё шумо шароб мехоҳед? Ман ба шумо шароб медиҳам, вале ба ҷойи мастшавӣ шумо ҳушёр хоҳед шуд. Ин шароб аз маконе меояд, ки аз он ҷо ба падарони шумо манна ато шуда буд.

*ҶОЕ, КИ ИМОН ҲАСТ,*

*МӮЪҶИЗА НИЗ ВУҶУД ДОРАД*

# 6

## ЛАБРЕЗ

Биёед боз ба қисми муҳими ин воқеа менигарем, ки он низ яке аз сабабҳои офариниши ин мӯъҷиза шудааст. Агар мо толори базми арӯсиро тасаввур кунем, ин чизҳо дар пеши чашмамон намудор мешаванд:

а) якчанд кӯзаҳои холии сангин, ки барои оби таҳорат истифода бурда мешуданд.

б) чанд нафар хизматгузоре, ки тамоми рӯз давутоз карда, хаста шуда буданд.

в) чанд нафар шогирдони ҳайратзада, ки ба қудрати Исо боварии комил надоштанд (навишта шудааст, ки фақат пас аз мӯъҷиза шогирдон ба Ӯ имон оварданд. ниг. Юҳанно 2:11).

г) модаре, ки ба писари худ бовар дошт.

д) ҷавонмарди тақрибан сисола, ки Исо ном дошт ва аз дигар шаҳр ба тӯйи арӯсӣ даъват шуда буд. Ӯ то ин вақт бо ҳеҷ кори Худ машҳур нагашта буд (Дар Китоби Муқаддас ин ҳамчун мӯъҷизаи аввалини Исо омадааст. ниг. Юҳанно 2:11).

Дар он ҷо дар забони ҳама фақат калимаи шароб буд.

## Барои чӣ об ба шароб мубаддал гашт?

Хизматгузороне, ки дар ин рӯз бисёр монда шуда буданд, мунтазир буданд, ки Исо дар ин маврид ба онҳо ягон маслиҳати хубе медиҳад. Лекин Ӯ ба онҳо гуфт, ки кӯзаҳои сангинро бо об пур кунанд. Барои шӯхӣ кардан вақт набуд, чунки меҳмонони маст шаробро талаб мекунанду домод шарманда хоҳад шуд. Аммо Исо бошад, об биёред, мегӯяд.

Як чизи муҳимро қайд кардан мехоҳам. Агар хизматгузорон кӯзаҳоро бо оби гаронбаҳо пур карда, сад сол дар назди кӯзаҳо истанд ҳам, об ба шароб мубаддал намегашт. Агар Исо дахолат намекард, об ҳаргиз ба шароб мубаддал намегашт. То вақте ки Исо “кӯзаҳоро бо об пур карда, назди Ман биёред” нагуфт, об ба шароб мубаддал нашуда буд.

## Барои чӣ Исо ба ин масъала дахолат кард?

Ҷавоби онро дар ояти зерин мебинем:

*“Исо ба онҳо гуфт: “Зарфҳоро аз об пур кунед”. Ва онҳоро лабрез карданд” (Юҳанно 2:7).*

Хизматгузорон кореро анҷом доданд, ки он яке аз асосҳои ҳаёти масеҳии мо мебошад.

*“Ва онҳоро лабрез карданд” (Юҳанно 2:7).*

Онҳо ба Исо бовар карда, ба Ӯ таваккал намуда, кӯзаҳоро на бо як пиёла ё як сатил об, балки кӯзаҳоро аз об лабрез (аз 300 то 500 литр) карданд. Онҳо якчанд пиёла об оварда

нагуфтанд, ки “Мана, Исо бинем-чӣ, Ту чӣ карда метавонӣ. Агар шавад, боз меорем”. Навишта шудааст, ки кӯзаҳоро лабрез карданд. Яъне хизматгузорон ҳамон қадар об оварданд, ки кӯзаҳо лабрез шуданд. Рафтори хизматгузоронро бо ду калима тасвир кардан мумкин аст:

а) ИТОАТ

*“Ҳар чӣ ба шумо гӯяд, ба ҷо овареҷ” (Юҳанно 2:5).*

б) ИМОН

*“Исо ба онҳо гуфт: “Зарфҳоро аз об пур кунед”. Ва онҳоро лабрез карданд” (Юҳанно 2:7).*

Онҳо фақат аз рӯйи як сухани Исо 300-500 литр обро оварданд. Онҳо ба хаста будани худ нигоҳ накарда, ба Исо таваккал намуда, қадами калони имонро гузошта, ҳамаи зарфҳоро лабрез карданд. Исо имони онҳоро дида, ба ин масъала дахолат кард.

Ин ҳодиса ба ҳодисае, ки дар Инҷили Луқо навишта шудааст, шабоҳат дорад.

*“Ва ҳангоме, ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: “Ба чуқуроб бирон ва тӯрҳои худро барои сайд андозед. Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: “Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам. Ва онҳо чунин карданд ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад” (Луқо 5:4-6).*

Петрус моҳигири ботаҷриба буд, вале тамоми шаб бенатиҷа заҳмат кашида, хаста шуда буд. Петруси мондаю

афсурда бо рафиқонаш тӯри худро дар соҳили баҳр мешуст. Ба назди онҳо Исои дуредгар, ки дар касби моҳигирӣ таҷрибае надошт, омада гуфт: “Биёед, ман ба шумо моҳигириро ёд медиҳам”. Петрус дар ҷавоб нагуфт, ки “Дӯсти азиз! Ту хуб мавъиза мекунӣ, суханонат табъи дили ман аст ва аз эҳтимол дур нест, ки дуредгари хуб низ ҳастӣ, лекин моҳигирӣ маҳорати дигарро талаб мекунад”.

Медонед Петрус чӣ ҷавоб дод? Вай гуфт, ки “Ман медонам, ки моҳиро на дар нисфирӯзӣ, балки шабона ва на дар он чуқурие, ки Ту мегӯйӣ, ки ман бояд қаиқи худро бубарам, сайд мекунанд. Лекин ба ҳар ҳол мувофиқи суханони Ту мекунам” (ниг. Луқо 5:5).

*“Аз рӯйи сухани Ту” маҳз ҳамин суханон моҳигирии нокомро ба сайди комёб табдил дод (ниг. Луқо 5:4,7).*

“Зарфҳоро лабрез кунед” - маҳз ҳамин сабаб шуд, ки Исо дар нимароҳе, ки хизматгузорон монда буданд, дар базми арӯсӣ дахолат кунад (ниг. Юҳанно 2:7).

Яъне қаҳрамонони ҳарду ҳодиса ба суханони Исо бовар карда, ба он итоат намуданд. “Зарфҳоро бо об лабрез кунед” (Юҳанно 2:7) ва “Ба чуқуроб бирон” (Луқо 5:4).

Исо имони онҳоро дида, ба масъала дахолат кард. Ана ин барои мӯъҷиза калид аст! Имони хизматгузорон ба мӯъҷиза ёрӣ дод.

Ҷое, ки имон ҳаст, мӯъҷиза дер намекунад.

**ҶОЕ, КИ ИМОН ҲАСТ, ҲАТМАН МӮЪҶИЗА МЕШАВАД!**

Аз фурсат истифода бурда, барои амалӣ шудани мӯъҷиза формулаи худамро гуфтан мехоҳам:

**МУШКИЛИИ БУЗУРГ + ИМОНИ хурд (мисли донаи хардал) = МӮЪҶИЗАИ БУЗУРГ**

Имон ин боварӣ аст, боварӣ ба Худо ва шубҳа накардан мебошад. Мо то чӣ андоза ба Худо бовар кунем, то ҳамон андоза ба Ӯ имон дорем.

*"Ва гуфт: "Акнун кашида ба сардори базм баред" ва онҳо бурданд" (Юҳанно 2:8).*

То вақте ки Исо дахолат накард, об ба шароб мубаддал нагашт. То лаҳзае ки Исо нагуфт, ки "акнун кашида баред", об ба шароб мубаддал нагашта буд.

То вақте ки Исо дахолат накунад, проблемаҳои душвори ҳаёти мо ҳал намешавад. Барои он ки Исо дахолат кунаду проблемаҳо ҳал шаванд ва мо мӯъҷизаи худро гирем, ба мо имон ва итоат даркор аст. Мо бояд ба ваъдаҳои Ӯ имон дошта бошем ва ба каломи Худо итоат кунем ва дарк кунем, ки дар Ӯ баракат ҳаст ва ин баракат ба воситаи Ӯ ба мо меояд.

Ман ин бобро бо суханони забурнавис хотима медиҳам:

*"Ва сарояндагон ва раққосон: "Ҳамаи чашмаҳоям дар туст" (Забур 86:7).*

*Барои расондани шароб ба меҳмонон*
*хизматгузорон, яъне коргарон*
*лозим мебошанд.*

# 7

## ТО ҲОЛ НИГОҲ ДОШТАӢ

*“Ба вай гуфт: “Ҳар кас аввал шароби хубро медиҳад ва чун маст шаванд, бадашро меоварад, лекин ту шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ”.*

Юҳанно 2:10

Сардори базм шароби навро чашида, дар ҳайрат мондааст. Ман диққати шуморо махсусан ба як ибораи ӯ “то ҳол” ҷалб карданӣ ҳастам. Яъне “то ҳол” ба маънои он аст, ки қисми асосии базм гузаштааст. Агар суханони сардори базмро маънидод кунем, он тақрибан ба он маъно омадааст, ки “Ту чӣ тавр то ин вақт худдорӣ карда, ин чизи олиҷанобро дар охири базми арӯсӣ овардӣ?”.

Шароби хуб дар ҳақиқат мисли як тӯҳфаи хубе буд. Ин воқеа мисли он аст, ки дар сари дастархон фақат нону панир, картошкаи ҷӯшондашуда ва сабзавот ҳаст ва дар охир ҳангоме ки меҳмонон сер мешаванд, ногаҳон гӯштбирён, мурғбирён, кабоб ва дигар ғизоҳои бомазза оварда мешавад. Албатта, чунин рафтори соҳибхона барои меҳмонон ҳайратовар метобид, лекин ба ҳар ҳол онҳо хурсанд мешуданд.

Ҳеҷ кас ба меҳмононе, ки аз шароби бад маст шуда буданд, шароби хубе пешниҳод намекард. Ин як навоварие буд.

“Ту шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ” (Юҳанно 2:10).

Байни мо ва меҳмонони базм монандие оварда, мефаҳмем, ки имрӯз ҳам пас аз гузаштани ду ҳазор сол Исо “то ҳол” шароби хуб, яъне каломи наҷотро нигоҳ дошта аст. Имрӯз ту ва ман дар ҷойи он хизматгузорон мебошем. Шояд мо мисли он хизматгузорон аз ташвишу заҳмати ин ҷаҳон, корҳои вазнин ва мушкилиҳои зиёд хаста шудаем, лекин ба ҳар ҳол мо бояд дар худ қувват ёфта, ин Шароби Навро (Каломи Наҷоти Масеҳро) ба “мастшудагони” ин ҷаҳон бирасонем.

> *“Чун сардор оби ба шароб мубаддалшударо чашид ва надонист, ки аз куҷост, зеро фақат хизматгузороне ки обро кашида буданд, медонистанд ва сардор домодро хонда...” (Юҳанно 2:9).*

Навишта шудааст, ки сардори базм намедонист, ки шароби навро аз куҷо гирифтанд, лекин хизматгузорон медонистанд, ки шаробро Исо дода буд. Мо низ медонем, ки шароби ҳақиқӣ аз куҷо (аз Каломи Зиндаи Масеҳ) меояд. Бо шаробе, ки олам пешкаш мекунад, нӯшида маст намешавем, балки Шароби Навро гирифта, ба ин олами беимон ва мастшуда мерасонем, ки онҳо шароби Худовандро чашида, аз мастии гуноҳҳои худ ҳушёр шаванд. Инчунин Худовандро қабул карда, ҳаёти пок ва муқаддас дошта бошанд.

Дар ин ҷо ман суханони Павлуси расулро меорам:

*“Пас бодиққат назар кунед, ки чӣ гуна рафтор менамоед, на чун бехирадон, балки чун хирадмандон ва фурсатро ғанимат донед, чунки ин рӯзҳо шарир аст, бинобар ин нодон набошед, балки дарк кунед, ки иродаи Худо чист ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд; балки балки аз Рӯҳ пур шуда...” (Эфсӯсиён 5:15-18).*

Мо бояд ҳар рӯз бо Рӯҳ пур шуда, ба ин ҷаҳон на об, ки рамзи ҳаёти гуноҳкорона мебошад, балки Шароби Навро, ки Каломи пурқиммати Масеҳ мебошад, пешкаш кунем. Одамони ин ҷаҳон мӯҳтоҷи мо мебошанд, то ки мо ба онҳо каломи наҷотро бирасонем. Медонед, ки шароб аз даруни кӯзаҳои сангин худаш ба сари дастархон нарафт?! Меҳмононе, ки сари дастархон нишаста буданд, намедонистанд, ки дар он кӯзаҳои сангин шароб ҳаст. Барои ба меҳмонон додани шароб хизматгузорон, яъне коргарон лозим буданд. Имрӯз мо ҳамон коргарон ҳастем, ки бояд ба ин ҷаҳон доимо шароби навро расонида истем.

Худованд барои мукофот, барои хизмати фурӯтанонаи мо ба мо чунин суханонро хоҳад гуфт:

*“Офарин эй ғуломи нек ва вафодор! Ту дар чизи хурде бовафо будӣ, туро бар чизҳои бузург мегузорам; ба шодии оғои худ шарик шав” (Матто 25:21).*

# ХУЛОСА

*“Ва косаро гирифта шукргузорӣ намуд ва ба онҳо дода гуфт: “Ҳама аз ин бинӯшед; зеро ин аст Хуни Ман аз аҳди ҷадид, ки барои бисёр касон аз бахри омурзиши гуноҳҳо рехта мешавад. Аммо ба шумо мегӯям, ки минбаъд аз ин ширaи ангур нахоҳам нӯшид; то ҳамон рӯзе, ки дар Малакути Падари Худ онро бо шумо тоза бинӯшам”* .

Матто 26:27-29

Бо суханони “минбаъд аз ин ширaи ангур нахоҳам нӯшид”, Исо дар нӯшидани шароб рӯза гирифт. Яъне то вақте ки ҳамроҳ дар Подшоҳии Худо шароб нанӯшем, Ӯ шароб нахоҳад нӯшид. Ҳамчун масеҳиён намояндагон Аҳди Нав мо низ бояд чунин рӯза гирем, ки то расидан ба Подшоҳии Худо ва бо Ӯ якҷоя шудан шароб нахоҳем нӯшид.

Чанд сол пеш ман қарор қабул кардам, ки то вақте, ки бо Ӯ якҷоя нашавам ва ба Подшоҳии Худо нарасам, шароб нахоҳам нӯшид. Ман намедонам, ки таъми шароби осмонӣ чӣ гуна хоҳад буд, лекин як чизро медонам, ки ба миқдори истеъмоли он нигоҳ накарда, ҳеҷ кас маст нахоҳад шуд ва рафтори номуносибе нахоҳад кард.

Ба хотири он ки мо имрӯз шароби Исо офарида ва шароби дар Подшоҳии Худ ваъдакардаашро надорем, беҳтар аст, ки аз шаробҳои масткунандаи ин ҷаҳон худдорӣ намоем.

> *“Ту ва писаронат бо ту, вақте ки ба хаймаи ҷомеъ дохил мешавед; шароб ва арақ нанӯшед, то ки намиред ин аст фаризаи абадӣ дар наслҳои шумо. То ки муқаддасро аз ғайримуқаддас ва наҷисро аз пок битавонед фарқ кунед” (Ибодат 10:9,10).*

Худованд ба коҳинон амр додааст, ки ҳангоми ворид шудан ба хайма маст набошанд, яъне онҳо дар ҳузури Худо истода, муқаддасро аз ғайримуқаддас фарқ карда тавонанд.

Расул Павлус ба мо чунин навиштааст:

> *“Оё шумо намедонед, ки маъбади Худо ҳастед ва Рӯҳи Худо ба шумо сокин аст? Агар касе маъбади Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон хоҳад кард, зеро ки хонаи Худо муқаддас аст ва он шумо ҳастед” (1 Қӯринтиён 3:16,17).*

Ба назари ман агар хонаи Худо калавида-калавида роҳ гардад ва нофаҳмо сухан гӯяд (масеҳии маст), барои беимонон намунаи хуб шуда наметавонад.

Ҷиҳати рӯҳонии ин мавзӯъро як тараф гузошта, ман танҳо дар бораи натиҷаи истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ якчанд омор меорам. Истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ чунин натиҷаҳо доранд:

90% ҳама таҷовузҳои ҷинсӣ

80% таҷрибаи аввалини алоқаи ҷинсӣ

70% ҳомиладоршавии ногаҳонӣ

60% паҳн шудани вируси СПИД

50% тамоми ҳодисаҳои нақлиётӣ

50% кушторҳо

25% худкушиҳо

Фикр намекунам, ки пас аз дидани ин рӯйхат шахси масеҳӣ тарафдори истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ мешавад.

Дар охир як ҳикояи арманиро (бо баъзе тағйиротҳои муаллифӣ) нақл мекунам.

Дар замонҳои қадим шоҳе зиндагӣ мекард. Ӯ писари ягонае дошт, ки шаробнӯширо дӯст медошт. Боре писари шоҳ дар ҳолати мастӣ ба ифлосие афтода дар он ҷо мемурад. Аз ин воқеа шоҳ асабонӣ шуда, фармоне мебарорад, ки аз рӯйи ин фармон дар тамоми мамлакат истеҳсоли шароб манъ карда мешавад.

Дар мамлакат як пирамарди бохираде зиндагӣ мекард ва ӯ чунин фикр кард:

“Чӣ хел ман фармони шоҳро вайрон накарда, шароб истеҳсол кунам?” “Баъд аз таҷрибаҳои зиёд вай шаробе истеҳсол кард, ки аз истеъмоли он мардум на маст, балки боқувватар мешуданд. Аввалин шахсе, ки шаробро нӯшид, писари пирамард буд.

Дар он замон шере буд, ки ба одамон ҳамла карда, онҳоро мехӯрд. Рӯзе ногаҳон ин шер ба ҳамон фарзанди пирамарди бохирад ҳамла кард, (лекин азбаски ӯ шароби қувватбахш

нӯшида буд), шерро пора-пора кард. Аз корнамоии ҷавонмард шоҳ хабардор шуда, ӯро ба наздаш ҷеғ зад. Шоҳ аз ӯ пурсид:

– Чӣ тавр бидуни яроқ ин шерро нобуд кардӣ?

– Ҷавонмард дар ҷавоб гуфт, ки падари ман шаробе ихтироъ кардааст, ки баъди истеъмоли он шахс қуввати зиёд пайдо мекунад. Ман ҳар рӯз он шаробро менӯшам.

Шоҳ аз ҷавоби ҷавонмард ҳайрон шуда, ёрдамчии худро ҷеғ зада, ба вай гуфт:

– Бинавис! Аз ҳамин рӯз ман фармони нав мебарорам, ки сар то сари мамлакат мардум на шароберо нӯшанд, ки аз он дар ифлосӣ афтода мемуранд, балки шароберо нӯшанд, ки аз он қувват гирифта, шерҳоро пора-пора мекунанд...



Гор Мехакян дар тӯли 25 сол имондори масеҳӣ буда, барои Подшоҳии Худо фаъолона хизмат мекунад. Дар хизмати кашиши калисо 15 сол аст. Оиладор ва соҳиби ду фарзанд мебошад. Дар давоми даҳ соли охир ҳамроҳи оилаи худ дар майдонҳои миссионери хизмат мекунад. Дар ҳоли ҳозир Ӯ кашиши хизматгузории арманҳо дар калисои “Каломи Ҳаёти” шаҳри Москави Федерасияи Русия мебошад.

Ҳар рӯз мо дар назди интихоб ҳастем, ки дуо кунем ё накунем, Китоби Муқаддасро хонем ё нахонем, даҳяк диҳем ё надиҳем, қурбонӣ кунем ё накунем? Ҳар рӯз мо ҳам аз тарафи ин ҷаҳон ва ҳам аз тарафи Осмон пешниҳоде дорем. Дар ин китоб ман дар бораи яке аз ин пешниҳодҳо, нӯшидани шароб сухан ронда кӯшиш кардам, ки дар мавзӯъи ба истеъмол кардан ё накардани нӯшокиҳои спиртӣ равшани андозам.

Кашиш Гор дар айни замон ҳам воизи болаёқат ва ҳам пешвои бо ҳикмати калисо мебошад. Ман китоби вайро бо номи “шароб ё Шароб?” ро бо завқи бисёр хондам. Дар ин китоб кашиш Гор дар бораи мавзӯъи масеҳи ва шароб равшани андохта, моро бо боби дуюми Инҷили Юҳанно раҳнамои мекунад, ки дар он ҷо Исо обро ба шароб табдил мегардонад, кашиш Гор масеҳиёнро таълим медиҳад, ки вобастаи шароб набошанд ва дар ҳаёти озодӣ дошта бошанд. Муалифи китоб назари аҷоиби таълимоти илоҳиро нишон дода ба мо даъват мепартояд. Ман ба ҳамаи аъзоёни калисо маслиҳат медиҳам ва он китоб шуморо баракат медиҳад мисли он ки маро низ баракат додааст.

Кашиш калони калисои “Каломи Ҳаёт”и
шаҳри Маскав Маттс Ола Исхоел